**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи доктории Ҳайдаров Фахриддин Наботович дар мавзуи "Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ) пешниҳод гардидааст.**

Рисолаи доктории Ҳайдаров Фахриддин Наботович ба таҳқиқи рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII тахсис ёфтааст. **Аҳаммияти** рисолаи доктории мавсуф дар он аст, ки ашъори ин шоир бино ба навиштаи нигорандаи «Лубобу-л-албоб», «султони ҷаҳони баён ва лашкаркаши умарои калом ва шаҳсавори майдони фасоҳат ва хуршеди осмони самоҳат ва фалаки фазл, моҳе тобон ва бар самои сано хуршеде рахшон» ва малику-ш-шуарои дарбори Салҷуқиён аст, ба сабаби шоири дарборӣ будан ва аз ин ҷиҳат ихтилоф доштан бо сиёсати давлати собиқ шӯравӣ дар адабиётшиносии тоҷик нисбатан камомӯхта мебошад. Таҳқиқоте, ки то кунун дар бораи Муиззӣ дар самти адабиётшиносӣ, хусусан паҳлуҳои гуногуни навъи адабии қасида ва адабиёти ин давра, сурат гирифтаанд, як мурури гузаро буда, мақоми суханварӣ ва ҳунари шоирии ӯ ба таври ҷомеъ муайян нашудааст. Аз ин нигоҳ, метавон таҳқиқи мавриди гуфтугӯро, ки диссертант тавонистааст мақоми суханварӣ ва ҳунари шоирии Амир Муиззиро дар адабиёти нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII ба таври матлуб муайян кунад, консептуалӣ гуфт.

**Тозагии рисолаи** Ҳайдаров Фахриддин дар он аст, ки ӯ аз тамоми пешинаи таҳқиқ огоҳ буда, нусхаҳои дастраси девони шоир, тазкираҳо, китобҳои фанни бадеъ, сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва мақолоту кутуби таҳқиқиро аз ҳаллоҷӣ гузаронида, дар мавридҳои зарурӣ аз онҳо иқтибос оварда, зимнан бо мулоҳизаҳои шахсӣ хулосабарорӣ кардааст, ки арзиши кори ӯро дучанд афзуда. Барои мисол, муаллиф дар боби

дувуми рисолаи худ, ки тахти номи умумии “Рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ“ омадааст, масъалаҳои дараҷаи омӯзиши рӯзгор ва осори Муиззӣ, баррасии ахбори сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ, баррасии маълумоти адабиёти илмии мавҷуд, шарҳи ҳоли Амир Муиззӣ, вилодат, зодгоҳ, наврасӣ ва ҷавонии шоир, ҳузури шоир дар дарбор, фарҷоми рӯзгори шоир, ҷойгоҳи бузургони пешин дар ашъори Муиззӣ, робитаи ҳамзамонон бо шоир, осори Муиззӣ аз нигоҳи мавзуъ ва анвои адабӣ, таркиби жанрии нусхаҳои чопии девони шоир, мавзуъҳои асосии эҷодиёти шоир, анвои адабии таркиби девони шоир ва мухтассоти онҳо, қасидаҳои Амир Муиззӣ ва масъалаи ворисият, рубоиёт, ғазалиёт, муқаттаот ва анвои дигари адабиро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Чунин равиши тадқиқ ба муаллиф имкон додааст, ки на танҳо портрети адабии Амир Муиззӣ, балки ҷараёни рӯзгору осори ӯро дар асоси сарчашмаҳои муътамад, хусусан ашъори шоир танзим ва барқарор созад. Яке аз ин гуна сарчашмаҳои муътамад ва муътабар “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ мебошад, ки мавриди баррасии диссертант қарор гирифта, аз ҷумла, менависад: “Аз муаллифони сарчашмаҳои адабию таърихӣ ягона шахсе, ки бо шоир вохӯрда ва дар китобаш «Чаҳор мақола» оид ба рӯзгори ӯ аз қавли худаш хабари нисбатан ҷолиб медиҳад, шоир ва олими асри XII Низомии Арӯзии Самарқандӣ мебошад” (с. 4).

Аз ин дидгоҳ, рисола аз лиҳози фарогирии мавзуъҳои таҳқиқшаванда чи аз ҳайси назарӣ ва чи аз нигоҳи амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Пас бо эътимод метавон гуфт, ки диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович дар мавзуи “Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII)” ба банди 4-уми бахши “Соҳаҳои таҳқиқот”-и **шиносномаи ихтисоси** 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ **мутобиқат** менамояд.

Дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ ба таври васеъ истифода мешавад.

Дар маҷмуъ, дараҷаи **эътимоднокии натиҷаҳои** таҳқиқ бо дақиқияти маълумот, мутобиқати ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методи таҳқиқ масбут гардидааст. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

Дар муқаддимаи кор мубрамии мавзуи интихобнамуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ё мавзуоти таҳқиқ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навоварии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар **боби якуми** диссертатсия – «**Вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмию адабӣ дар замони зиндагии Амир Муиззӣ**», ки аз се фасл иборат аст, муаллиф кӯшидааст роҷеъ ба вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии Хуросон дар замони Амир Муиззӣ, авзои илмиву адабӣ ва муҳити адабӣ дар замони Салҷуқиён таҳқиқ бибарад. Муаллиф масоил ва матолиби дар боби мазкур гузоштаашро дар истинод бар кутуби таворих ва тазкира, таҳқиқоти муҳаққиқони муосир ва дигар мудракоти илмӣ таҳлилу ташхис намуда, авзои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва илмиву адабии рӯзгори Амир Муиззиро ба таври шоиста баррасӣ карда тавонистааст.

Дар **боби 2-юми** диссертатсия – «**Рӯзгор ва осори Муиззӣ**», ки фарогири се фасл мебошад, муаллиф роҷеъ ба дараҷаи омӯзиши рӯзгор ва осори Муиззӣ, шарҳи ҳоли Амир Муиззӣ, осори бозмондаи Муиззӣ аз нигоҳи мавзуъ ва анвои адабӣ, анвои адабии таркиби девони шоир ва мухтассоти онҳо таҳқиқот бурдааст. Баҳри кушудани воқеияти ҳолу

рӯзгори шоир муаллиф аз маълумоти муътамадтарин сарчашмаҳо, ки наздик ба даврони салтанати Салоҷиқа ва замони зиндагонии Амир Муиззӣ маҳсуб мешаванд ва ё дар илми адабиётшиносӣ дорои эътиборанд, амсоли: «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър»-и Рашидаддини Ватвот, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ ва дигар кутуби тавориху тазкор, ҳамчунин, аз таҳқиқоти донишмандони хориҷиву ватании ду асри охир, монанди: А. Шпренгер, Ҳермон Эте, Эдуард Браун, Е.Э., Бертелс, М.Л. Рейснер, Ардашникова, Е.О. Акимушкина, Садриддин Айнӣ, Т. Неъматзода, А. Абдуллоев, Х. Мирзозода, Аббос Иқболи Оштиёнӣ, Алиризо Хусравонӣ кор гирифта, бад-ин тариқ бар арзиши илмии ин қисмати кори хеш афзудааст.

Он чи дар ин қисмати кор шоистаи зикр аст, ин аст, ки дар ин фасл муаллиф дар такя ба маълумоти сарчашмаҳои адабиву таърихӣ, ишораҳои худи шоир дар шеърҳояш ва иттилои муҳаққиқони муосир рӯзгори Муиззиро ба чаҳор марҳала ҷудо намуда, дар иртибот бо ҳар яке аз мароҳили ҳаёти шоир андешаҳои шахсии хешро роҷеъ ба вилодат, зодгоҳ, наврасӣ ва ҷавонии Муиззӣ, ба чӣ тариқ роҳ ёфтани ӯ ба дарбори Салоҷиқа ва фарҷоми ҳаёти шоир баён доштааст, ки ин шева аз умқи ковишҳои муҳаққиқонаи ӯ гувоҳӣ медиҳад.

Аз мазоёи дигари рисола он аст, ки диссертант, он ҷо ки рубоиёти Амир Муиззиро ба силки таҳқиқ мекашад, ба ин хулоса мерасад, ки: “...дар дарунмоясозии жанри мазкур шоири мухтареъ ва нававар аст” (с. 14). Ҳамзамон дурустии ин мулоҳизаи муаллифро дар мавриди таҳқиқи рубоӣ метавон таъйид кард: “Амир Муиззӣ аз аввалин шоироне мебошад, ки жанри рубоиро ба ҳайати шеъри тавсифии дарбор ворид намудааст. Шоир дар душвортарин лаҳзаҳои зиндагӣ тавассути бадоҳатан сурудани рубоӣ аз имтиҳони рӯзгор сарбаландона гузашта, сазовори обрӯю эътибор шудааст. Ҳам тахаллус ва ҳам унвони расмии сарварии шоирон, яъне амирушшуарои дарбори Салҷуқиёнро маҳз

тавассути чунин имтиҳонот ба даст овардааст. Аз нигоҳи бадеият рубоиёти Амир Муиззӣ хеле ҳунармандона суруда шудаанд” (с. 15). Чунин мулоҳизаҳои шахсии диссертант дар аксари саҳафоти рисола ба назар мерасанд, ки мавсуф бо муҳаққиқон баҳсҳои ҷолиб мекунад, ки ин хасиса кори ӯро арзишманд кардааст.

Бидуни тардид, шуҳрати Амир Муиззӣ ҳамоно дар қасидасароии ӯст. Маҳз тавассути сурудани қасида шоир ба унвони Амирушшуарои дарбори Салҷуқиён мушарраф шудааст ва қисмати аъзами девони ӯро ин навъи адабӣ ташкил мекунад, ки ба қавли муаллиф, 17 000 байт ё худ, беш аз 91 дарсади девони шоир аз қасида иборат мебошад. Чунонки соҳиби “Ҳафт иқлим” Муиззиро “аз шуарои бузурги давраи Салҷуқиён ва фанни хоссу шуҳрати ӯро дар қасидасароӣ” баршумурдааст, ки дуруст аст.

“Теъдоди мамдуҳони Муиззӣ, – чунонки дисертант менависад, – дар қасида зиёда аз 110 нафарро ташкил медиҳад, ки дар саргаҳи онҳо султон Маликшоҳ қарор дорад. Шоир ба султон Маликшоҳ 112 қасида бахшидааст, ки аз он шумор як қасида дар марсияи Маликшоҳ ва Низомулмулк мебошад. Дар 85 қасида Маликшоҳ мустақиман тавсиф шуда, дар як қасида, дар баробари сӯгворӣ аз марги ӯ ва Низомулмулк, ҳамзамон, аз хислатҳои неки ӯ ёдоварӣ менамояд. Дар 26 қасидаи дигар дар иртибот бо воқеаҳои таърихӣ, аз ҷумла, футуҳоти султон дар Самарқанд, Туркистон, Бағдод, Рум, Шом, Рай, Нишопур, Мовароуннаҳр, ҳамзамон, ба меҳмонӣ рафтани шоҳ назди хоҷа Низомулмулк, Шарафулмулк, Имодуддавла Совтекин, дар таҳнияти иди Фитр, мунозираи килку теғ, таҳнияти Наврӯз, таҳнияти иди Меҳргон, таҳнияти иди Азҳо ва таҳнияти вилодати фарзанди султон Муиззӣ бо тамому маҳорати худ Маликшоҳро ситоиш мекунад. Мамдуҳони дигари Муиззӣ дар диссертатсия зикр ва муносибати шоир ба онҳо таҳлил шудааст” (с. 41). Ба муаллиф муяссар шудааст, ки

мақоми Муиззӣ дар таҳаввули қасидаро бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Бояд гуфт, ки Амир Муиззӣ дар сурудани анвои дигари адабӣ, чун ғазал, қитъа, мусаммат, таркиббанд ва тарҷеъбанд қувваозмоӣ кардааст, ки дисертант дар бораи ҳар кадоми онҳо ба таври ҷудогона таҳқиқ анҷом додааст, ки таҳқиқоти ӯро равишманд нишон медиҳад.

Ҳамзамон, бояд таъкид кард, ки ҷаҳду ҷадали муҳаққиқ дар боби севуми диссертатия – "Таҳқиқ ва нашри девони Амир Муиззӣ" низ чашмрас мебошад. Нигоранда дар фасли нахусти ин боб, ки «**Девони ашъори Муиззӣ ва нусхаҳои дастнависи он дар китобхонаҳои ҷаҳон**» ном дорад, саъй кардааст, 136 нусха ва мунтахаби девони Амир Муиззиро мавриди пажӯҳиш қарор диҳад, ки ин, албатта, кори бисёр душвор ва сангин мебошад. Вале ба муаллиф муяссар шудааст, ки сараву сақати дастнавиштаҳои девони шоирро дуруст муайян кунад. Хусусан, аз лиҳози библиографӣ таҳқиқ шудани ашъори як шоир ба таври ҷомеъ аз навовариҳои рисолаи мавриди гуфтугӯ мебошад, ки диққат ва ҳавсалаи бисёр талаб мекунад ва муҳимтар аз ҳама Ҳайдаров Фахриддин онро ба таври матлуб ба анҷом расонидааст.

**Хусусиятҳои бадеии ашъори Муиззӣ** аз масъалаҳои меҳварии рисола ба ҳисоб рафта, он аз панҷ зерфасл иборат мебошад. Муаллиф кӯшидааст, ки дар ин боб масъалаҳои вижагиҳои шеъри мадҳӣ-ситоишии замони Салҷуқиён, васфи аносири давлат ва давлатдорӣ дар қасоиди Муиззӣ ва шигардҳои адибие, чун муболиға, иғроқ ва ғулув, ташбеҳ ва анвои он, истиораро мавриди пажӯҳиш қарор диҳад. Хусусан, корбасти орояҳои бадеӣ нишонгари қудрат ва ҳунари шоирӣ аст. Муваффақияти дигари диссертант дар дуруст ва ҳунармандона ташхис кардани воситаҳои тасвири бадеӣ мебошад. Масалан, ӯ он ҷо ки дар бораи тарфанди ташбеҳ баҳс мекунад, байти зерини Муиззиро чунон таҳлили ҳунармандона кардааст, ки ҷолиб аст:

«Сарванд, валекин ҳама чун бадри мунирранд,

Моҳанд, валекин ҳама чун сарви равонанд.

Агар дар мисоли фавқ «сарв» (-и мисраи якум) ва «моҳ» – мушаббаҳ, «бадр» ва «сарв» (-и мисраи дувум) – мушаббаҳ биҳи бошанд, вуҷуҳоти ташбеҳсозии онҳо – «мунир» (-ии бадр) ва «равон» (-ии сарв) ба таври маъкус, яъне акс роҳандозӣ гардидааст; чун мунирӣ на бар сарв, балки бар моҳ ва равонию мавзунӣ на бар моҳ, балки ба сарв муносибат доранд (Рисола, с. 326).

Истиора, бидуни тардид, дар шеъри форсии тоҷикӣ, аз ҷумла дар шеъри Муиззии Нишопурӣ, аз абзори наққошии калом буда, яке аз ҳунарҳо ва қудрату эъҷози шоириро ба намоиш мегузорад.

Чунонки Муиззӣ гуфта:

Ба заъфарон-бар кофур дорам ар, ғам аз он-к

Бунафша руста бар атрофи ёсамин дорад.

Диссертант онро чунин ба таҳлил гирифта: «Дар мисраи зер «заъфарон» истиораи мушарраҳаи муҷаррада аз чеҳраи зард, «кофур» истиораи мусарраҳаи муҷаррада аз қатароти ашк, «бунафша» истиораи мусарраҳаи мурашшшаҳа аз зулф, «ёсамин» истиораи мусарраҳаи мурашшаҳа аз чеҳраи маъшуқ мебошад» (Рисола, с. 333), ки саҳеҳ аст. Чунин мулоҳизарониҳо дар аксари саҳифаҳои ин боб ҳам ба назар мерасанд, ки вуруди комили муаллифро ба мавзуъ далолат мекунад.

Хулосаи таҳқиқоти худро муаллиф дар 25 банд натиҷагирӣ карда, ҳамчунин, дар 14 банди дигар роҷеъ ба истифодаи амалии натоиҷи таҳқиқи хеш тавсияҳо овардааст, ки ба пуррагӣ мунтаҷ ва мутобиқ бар муҳтавову мундариҷаи кор мебошанд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки андешаҳои муаллифи диссертатсияро метавон зимни таҳқиқи масоили назариявии сохторшиносӣ, сабкшиносӣ, назария ва амалияи қонуниятҳои шеърӣ ва умуман адабиётшиносии тоҷик, ҳамчунин, коркард ва тащияи барномаҳои дарсӣ, васоити таълимии марбут ба

назм, навиштани мақолаҳо, монографияҳо, диссертатсияҳо ва дигар анвои корҳои илмӣ ба таври густарда истифода кард.

Коркарди илмии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд. Автореферати диссертатсия ва матолиби интишорнамудаи муаллиф, ки **15 мақолаи он** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, бо мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқи диссертатсионии унвонҷӯ робитаи зич дошта, нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни онро инъикос менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсия ва автореферати Ҳайдаров Фахриддин Наботович дар мавзуи "Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII)" ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ҳамчунин, муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Дар диссертатсияи мавриди гуфтугӯ дар радифи дастоварду муваффақиятҳои илмӣ баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва камбудҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси боз ҳам боло рафтани ҳусни илмии рисола хоҳад гардид. Аз ҷумла:

1. Гоҳе мантиқи сухан халал ёфтааст. Барои мисол: "Назокати адабию ҳунарии рубоиёти шоир ҳанӯз аз тарафи донишмандони асримиёнагии адабиёти форсу тоҷик баҳои сазовор гирифтааст." Оё назокат баҳои сазовор гирифта метавонад?!

Ё мисоли дигар: "Дар замони Муиззӣ дар баробари ташаккулу инкишофи тамаддуни исломӣ илмҳои кимиё, ҷуғрофия, тиб, нуҷум, таърихшиносӣ, фалсафа, улуми адабӣ ва дигар донишҳо низ инкишоф меёбанд". Дар ин ҷумла, ду бор такрор шудани вожаи "инкишоф" моҳияти ҷумларо хадшадор кардааст.

2. Муаллиф дар бораи нашри девони Муиззӣ огоҳии хуб дошта, ҳатто рубоиёти Муиззиро дар таҳияи худ ном мебарад, вале аз кори охири адабиётшинос Рамазон Абдуллоев, ки ашъори баргузидаи шоирро бо номи “Муиззии Нишопурӣ. Мунтахаботи ашъор” (Душанбе: Матбааи Ашӯриён, 2023. – с. 384) ба чоп расонидааст, изҳори бехабарӣ менамояд.

3. Ҳамзамон бо ин, шарқшиноси рус Хисматулин Алексей Александрович соли 2020 китоберо бо номи «Амир Муиззи Нишапури. Сийасат-нама поделка, приписанная Низам ал-мулку»-ро дар Институти дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Россия (Санкт-Петербург: Садра, 2020. – 660 с. [4] л. факс: табл.: 25 см. (Серия Назидательная литература эпохи Салджукидов на персидском языке: оригиналы и подделки) чоп кардааст, ки дар ҳеч ҷои рисола ба он ишора нашудааст. Чунонки муаллифи сарсухан менависад: «Серию начинает подделка, которая вошла в классику персидской литературы под двумя названиями — Сийасат-нама («Книга о правлении») и Сийар ал-мулук («Жития владык»). Этот текст до сих пор издаётся и переиздаётся под авторством Низам ал-мулка, выдающегося премьер-министра Салджукидов. Однако, как показывают результаты исторического и текстологического анализов, текст был скомпилирован Мухаммадом Му‘иззи Нишапури, главой департамента поэтов при салджукидских правителях Малик-шахе и его сыне Санджаре, а затем приписан им перу убитого Низам ал-мулка с совершенно определёнными целями. Подделка была создана способом, при котором за основу был взят подлинный юридический документ, разросшийся в результате присоединённого к нему комментария до размеров целого сочинения, дошедшего до наших дней в двух редакциях».

4. Диссертант ҳангоми баррасии корбасти ороҳои бадеии ашъори Амир Муиззӣ агар онҳоро бо рисолаҳои фанни бадеъи Рашидуддини Ватвот, Шамси Қайси Розӣ, Абулмаолии Насруллоҳ,

Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ки аз ӯ зимни саноеъи адабӣ шоҳид овардаанд, муқоиса мекард ва ба силки таҳқиқ мекашид, арзиши рисолааш дучанд меафзуд.

5. Аз рӯи меъёрҳо ва талаботи равиши таҳқиқ салоҳ будӣ, ки диссертант ҷойҳои боби севуму чаҳорумро иваз карда, аввал "Хусусиятҳои бадеии ашъори Муиззӣ"-ро меовард, зеро он бо боби дувум иртиботи мустақим дорад. Ва дар боби чаҳорум масъалаи таҳқиқ ва нашри "Девон"-и Амир Муиззиро баррасӣ мекард, мантиқан дуруст мешуд.

6. Гуногун омадани номи истилоҳ. Диссертант истилоҳоти «адабиёти классикии форсу тоҷик», «забон ва адаби форсӣ», "фарҳангу адаби форсии тоҷикӣ", "адабиёти форсии тоҷикӣ", "забони форсии тоҷикӣ", "адабиёти форсӣ"-ро борҳо мавриди корбаст қарор додааст, ки ҳамгун ва ягона кардани онҳо вазифаи муҳаққиқ мебошад. Имрӯз дар муомилаи илмӣ, ки вазъи умумии ададбиёти кишварҳои ҳамзабонро ифода мекунад, истилоҳи "адабиёти форсии тоҷикӣ" муносибтар аст, ки диссертант низ аз он истифода кардааст ва бояд онро маҳаки кори худ қарор медод.

7. Ҳам дар автореферет ва ҳам дар рисола баъзе иштибоҳоти техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба рисола ҳусн зам мекунанд.

Бояд гуфт, ки нуқсонҳои мавҷуда ба ҳеч ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро муаллифи он вазифаҳои дар назди худ гузоштаро комилан иҷро кардааст.

**Хулоса,** диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович дар мавзуи "Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII)" таҳқиқоти комилан анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯст. Дар ин асос, муаллиф сазовори дарёфти

дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, мудири
шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон
ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Юсуфов У. А.
«18» сентябри соли 2025.

**Нишонӣ**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Н. Хувайдуллоева 274, ҳ. 47.
Тел.: (+992) 91-904-55-75
E-mail: nushin74@mail.ru

**Имзои Юсуфов У. А.-ро тасдиқ мекунам:**
нозири шуъбаи кадрҳои Институти
забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ.

**Нишонӣ**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21.
Тел.: +992 (37) 227-29-07, +992 (37) 221-70-30.
E-mail: iza.rudaki@gmail.com
«18» сентябри соли 2025.